Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон

# Шарҳи вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

Семоҳаи 1 | 2026

## Шарҳи вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо дар семоҳаи якуми соли 2026

Дар семоҳаи якуми соли 2026 вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва нишондиҳандаҳои асосии он тамоили муътадилро идома дода, афзоиши шумораи ташкилотҳои қарзии узви Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд Хазина), ҳаҷми амонату пасандозҳои суғурташуда ва дороиҳои Хазина ба қайд гирифта шуд.

Хазина ҳамчун мақоми ваколатдор дар самти таъмини фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва иҷрои вазифаҳои тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" (минбаъд Қонун) вогузоршуда, дар семоҳаи якуми соли 2026 фаъолияти худро баҳри ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон, мусоидат ба нигоҳдории суботи низоми молиявӣ ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, равона намуд.

### 1.1. Иштироки ташкилотҳои қарзӣ дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

Дар семоҳаи якуми соли 2026 шумораи ташкилотҳои қарзӣ – узви Хазина ва иштирокчии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо афзоиш ёфта, ба ҳолати 31.03.2026 сол шумораи умумии онҳо ба 42 адад расид, ки ин нисбат ба семоҳаи қаблӣ 2 адад ва семоҳаи 1 соли 2025-ум 6 адад зиёд мебошад. Дар сохтори ташкилотҳои қарзии узви Хазина 16 ададро бонкҳо ва 26 ададро ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) ташкил медиҳад.

Ташкилотҳои қарзии узви Хазина (адад)

| | Семоҳаи 1 2025 | Семоҳаи 2 2025 | Семоҳаи 3 2025 | Семоҳаи 4 2025 | Семоҳаи 1 2026 |
|---|---|---|---|---|---|
| Бонкҳо | 13 | 13 | 15 | 16 | 16 |
| ТАҚХ | 22 | 23 | 22 | 24 | 26 |
| ТҚҒ | 1 | 1 | 0 | 0 | 0 |
| **Ҳамагӣ** | **36** | **37** | **37** | **40** | **42** |

Аз ҷумла, дар давраи ҳисоботӣ ташкилотҳои қарзии зерин ба Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо шомил гардиданд:

- бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба *ҶДММ ТАҚХ «Пулсар»* иҷозатнома дода шуд. Дар ин асос, аз ҷониби Хазина ба ҶДММ ТАҚХ «Пулсар» тасдиқнома дар бораи узвият ба Хазина таҳти №085 аз санаи 10.02.2026 дода шуд;

- бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба *ҶСП ТАҚХ «Капитал Траст»* иҷозатнома дода шуд. Дар ин асос, аз ҷониби Хазина ба ҶСП ТАҚХ «Капитал Траст» тасдиқнома дар бораи узвият ба Хазина тахти №086 аз санаи 23.02.2026 дода шуд.

## 1.2. Ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда

Тибқи ҳисоботҳои ташкилотҳои қарзӣ – узви Хазина ба ҳолати 31 марти соли 2026 бақияи умумии амонату пасандозҳои суғурташуда 16 578,5 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба семоҳаи қаблӣ 0,7 фоиз ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 24,2 фоиз зиёд мебошад.

Ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда (семоҳа, млрд. сомонӣ)




Суръати афзоиши пасандозҳои суғурташуда (афзоиши солона, бо фоиз)



Ҳиссаи бештари пасандозҳои суғурташуда - 93,5 фоиз ба амонату пасандозҳои шахсони воқеӣ, аз он ҷумла соҳибкорони инфиродӣ рост омада, боқимондаи ҳиссаи он – 6,5 фоизро амонату пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ташкил доданд.

**Пасандозҳои суғурташуда дар ташкилотҳои қарзӣ-узви Хазина (интиҳои давра, млн. сомонӣ)**

| | Семоҳаи 4 2025 | Семоҳаи 1 2026 | Тағийрёбӣ (бо фоиз) |
|---|---|---|---|
| **Пасандозҳои суғурташуда дар ташкилотҳои қарзӣ-узви Хазина** | **16 470,8** | **16 578,5** | **0,7** |
| Шахсони воқеӣ | 15 681,1 | 15 504,6 | -1,1 |
| Шахсони ҳуқуқӣ | 789,7 | 1 073,9 | 36,0 |
| ***Барои маълумот:*** | | | |
| Ҳаҷми умумии пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ | 33 895,2 | 34 539,4 | 1,9 |
| Ҳаҷми умумии пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ-узви Хазина[1] | 24 136,2 | 23 944,2 | -0,8 |

Дар баробари ин, ҳиссаи амонату пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ 59,6 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 40,4 фоизро ташкил дод.

Сохтори асъории пасандозҳои суғурташуда (бо фоиз)




[1] Бе назардошти 2 бонки давлатӣ ва 1 бонки исломӣ, ки узви Хазина намебошанд.

Дар сохтори пасандозҳои суғурташуда ҳиссаи амонатҳои дархостӣ 5,9 фоиз, амонатҳои пасандозӣ 48,4 фоиз ва пасандозҳои мухлатнок 45,7 фоизи ҳаҷми умумии амонату пасандозҳоро ташкил доданд.

**Сохтори пасандозҳои суғурташуда аз рӯи намуди амонат (бо фоиз)**




### 1.3. Шумораи пасандоздорони суғурташуда

Ба ҳолати 31 марти соли 2026 шумораи пасандоздорони суғурташуда дар ташкилотҳои қарзӣ - узви Хазина 3 441,9 ҳаз. нафарро ташкил дод, ки ин нисбат ба семоҳаи қаблӣ бинобар таъсири хавфҳои кӯтоҳмуддати берунӣ ба ташкилотҳои алоҳидаи қарзӣ, ба андозаи 7,1 фоиз коҳиш ёфт. Бо вуҷуди ин, афзоиши солонаи шумораи пасандоздорон нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ дар сатҳи устувор - 28,7 фоиз боқӣ монд.

**Шумораи пасандоздорони суғурташуда (семоҳа, млн. нафар)**



Аз шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда ҳиссаи афзалиятнок – 99,7 фоиз ба шахсони воқеӣ рост омада, ҳамагӣ 0,3 фоизи пасандоздоронро шахсони ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд.

## 1.4. Шумораи пасандоздорони рӯйпӯшшуда

Бояд қайд кард, ки тибқи Қонун маблағи суратҳисобҳои бонкии пасандоздорони зерин объекти ҳатмии суғурта ба ҳисоб меравад: *шахсони воқеӣ, соҳибкорони инфиродӣ, субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ.*

Аз шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда маблағи амонату пасандозҳои 98,1 фоизи пасандоздорон дар доираи андозаи ҷубронпулии суғурта, яъне дар доираи 35 000 сомонӣ буда, аз ҷониби Хазина пурра рӯйпӯш карда шудааст. Боқимонда 1,9 фоизи пасандоздорон, ки маблағи амонату пасандозҳояшон аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд аст, қисман рӯйпӯш карда шудаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар доираи 98,1 фоиз рӯйпӯш шудани пасандоздорон, аз он шаҳодат медиҳад, ки аз ҷониби Хазина қисми афзалиятноки пасандоздорони суғурташуда пурра ҳимоя гардидаанд.

Ҳиссаи пасандоздорони пурра суғурташуда (бо фоиз)




## 1.5. Ҳаҷми амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда

Дар давраи баррасишаванда ҳаҷми умумии амонату пасандозҳои дар доираи андозаи ҷубронпулӣ рӯйпӯшшуда, ки уҳдадориҳои суғуртавии потенсиалии Хазинаро нишон медиҳад, 5 775,7 млн. сомониро ташкил дод. Нишондиҳандаи мазкур вобаста ба коҳишёбии нисбии шумораи пасандоздорон дар муқоиса ба семоҳаи қаблӣ ба андозаи 7,5 фоиз камтар гардид, вале нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 11,1 фоиз зиёд мебошад.

Ухдадориҳои суғуртавии Хазина (млрд. сомонӣ)




Суръати афзоиши амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда (солона, бо фоиз)




Аксари амонату пасандозҳои дар доираи андозаи ҷубронпулӣ рӯйпӯшшуда ба шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ рост меояд, ки маблағи он 5 730,2 млн. сомонӣ ё худ 99,2 фоизи ҳаҷми умумии онро ташкил медиҳад.

Дар сохтори амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда ҳиссаи пасандозҳое, ки ҳаҷмашон то маблағи андозаи ҷубронпулӣ (то 35 000 сомонӣ аст) аст, 61,4 фоиз (3 545,1 млн. сомонӣ)-ро ташкил дод, ҳол он ки ҳиссаи амонату пасандозҳои рӯйпӯшшудае, ки ҳаҷмашон аз андозаи ҷубронпулӣ зиёдтар аст, 38,6 фоиз (2 230,6 млн. сомонӣ)-ро ташкил медиҳад.

Сохтори амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда аз рӯи моликият (бо фоиз)




Сохтори амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда (интиҳои давра, млн. сомонӣ)

| | Семоҳаи 4 2025 | Семоҳаи 1 2026 | Тағйирёбӣ (бо фоиз) |
|---|---|---|---|
| Ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташуда | 16 470,8 | 16 578,5 | 0,7 |
| Амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда (дар доираи 35 000 сомонӣ) | 6 241,5 | 5 775,7 | -7,5 |
| Дар доираи андозаи ҷубронпулӣ | 3 911,5 | 3 545,1 | -9,4 |
| Аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд | 2 330,0 | 2 230,6 | -4,3 |

## 1.6. Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина ва пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорони суғурташуда

Дар семоҳаи якуми соли 2026 дар ягон ташкилоти қарзии узви Хазина ҳолати суғуртавӣ ба вуқӯъ наомад, ки ин дар маҷмуъ аз вазъи муътадил ва фаъолияти босуботи низоми бонкӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар давраи мазкурр Хазина танҳо ба як нафар пасандоздори бонки барҳамдодашудаи ҶСК “Агроинвестбонк”, ки оид ба тамдиди мӯҳлати гирифтани маблағи ҷубронпулии суғурта дар асоси Қонун бо ариза ба Хазина муроҷиат кард, ба маблағи 12,2 ҳаз. сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт намуд.

Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина

| | Ба ҳолати 31.12.2024 | Ба ҳолати 31.12.2025 | Ба ҳолати 31.03.2026 |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ (адад) | 18 | 18 | 18 |
| Бонкҳо | 6 | 6 | 6 |
| ТАҚХ | 12 | 12 | 12 |
| Ҳамагӣ ҷубронпулӣ пардохт карда шуд (ҳаз. сомонӣ) | 212 315,9 | 212 402,8 | 212 415,1 |

Дар умум, аз соли 2016 то санаи 31.03.2026 маблағи умумии ҷубронпулии суғуртавии ба пасандоздорони 18 ташкилоти қарзии барҳамхӯрда пардохтшуда, маблағи 212,4 млн. сомонӣ, аз он ҷумла ба пасандоздорони ҶСК “Агроинвестбонк” ва ҶСК “Тоҷиксодиротбонк – 189,0 млн. сомониро ташкил дод.

## 1.7. Фаъолияти сармоягузорӣ ва идоракунии маблағҳои Хазина

Фаъолияти сармоягузорӣ яке аз вазифаҳои муҳими Хазина ҷиҳати ташаккул ва андӯхти маблағҳои Хазина ба ҳисоб меравад. Хазина дар семоҳаи 1 соли 2026 ҷойгирнамоии маблағҳои озоди худро ба коғазҳои қиматноки давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дод.

Аз ҷумла, дар давраи баррасишаванда 4 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматноки давлатӣ дар ҳаҷми умумии 255 млн. сомонӣ бо муҳлатнокии 6-моҳа, 1-сола, 2-сола ва 3-сола баргузор гардид, ки меъёрҳои фоизии онҳо вобаста аз муҳлат аз 6,0 то 11,0 фоизи солонаро ташкил доданд.

Хазина дар 3 музоядаи барориши коғазҳои қиматноки давлатӣ тавассути “Биржаи фондии Осиёи Марказӣ” иштирок намуда, маблағҳои озоди худро дар ҳаҷми 77,0 млн. сомонӣ сармоягузорӣ кард.

Иштироки Хазина дар бозори коғазҳои қиматнок (млн. сомонӣ)




Меъёри фоизи даромаднокии миёнавазни коғазҳои қиматноки харидоришуда дар давраи ҳисоботӣ 9,55 фоизи солонаро ташкил намуд. Бақияи сандуқи (портфели) сармоягузории Хазина ба коғазҳои қиматноки давлатии Вазорати молия ба ҳолати 31.03.2026 сол 315 млн. сомониро ташкил намуд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 122,9 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Даромади фоизии гирифташудаи Хазина тибқи ҳисоботи

тавозунӣ ба 7,4 млн. сомонӣ расид, ки ин нисбат ба семоҳаи якуми соли гузашта 2,5 маротиба зиёд мебошад.

Даромад аз фаъолияти сармоягузорӣ (млн. сомонӣ ва бо фоиз)




## 1.8. Робита бо ҷомеа

Самти дигари асосӣ дар фаъолияти Хазина самти робита бо ҷомеа ва пешбурди корҳои таблиғоту ташвиқот ҷиҳати баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳли ҷомеа оид ба моҳият ва накши низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, афзалиятҳо ва нишондиҳандаҳои асосии он ва ба ин васила таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад.

Дар давоми семоҳаи якуми соли 2026 ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии раванди корӣ дар самти корҳои ташвиқотӣ, паҳнсозии маълумот ва огоҳонии оммаи васеъ корҳои муайяне анҷом дода шуд. Аз ҷумла, дар шабакаҳои иҷтимоии Хазина, ба монанди фейсбук, телеграм ва инстаграм маводҳои дахлдори иттилоотӣ мунтазам нашр карда шуданд.

Оид ба масъалаҳои мухталифи соҳа, аз ҷумла тағйиротҳо дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, оид ба феҳристи ташкилотҳои қарзӣ - узви Хазина, нишондиҳандаҳои таҳлилӣ, оид ба суғуртакунии амонату пасандозҳо ва ахборот вобаста ба фаъолияти Хазина маълумот омода карда шуда, дар сомонаи расмии Хазина ҷойгир карда шуд.

Ҳамзамон баҳри баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо маводҳои таблиғотӣ, аз қабили буклетҳо, нишонаҳои худчасп ва плакатҳо чоп карда шуда, ба ташкилотҳои қарзии узви Хазина тақсим карда шуданд.

## 1.9. Нишондиҳандаҳои молиявии Хазина

Дар давраи баррасишаванда вобаста ба иҷрои вазифаҳои қонунии худ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои қонунии пасандоздорон, афзоиши муътадили дороиҳои Хазина таъмин карда шуд.

Тибқи ҳисоботи тавозунӣ ба санаи 31 марти соли 2026 ҳаҷми умумии маблағ (дороиҳо)-и Хазина 540,2 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба семоҳаи қаблӣ 8,1 фоиз ва ҳамин санаи соли 2025 19,7 фоиз зиёд мебошад.

Афзоиши дороиҳои Хазина дар давраи мазкур асосан бо вуруди пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина, инчунин даромади аз ҳисоби фаъолияти сармоягузорӣ ва идоракунии маблағҳои Хазина бадастомада, вобастагӣ дошт.

**Тамоюли тағйирёбии маблағҳои Хазина (млн. сомонӣ)**




Андозаи ҳадди аксари маблағҳои Хазина[2], ки таносуби маблағи Хазинаро нисбат ба ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташудаи ташкилотҳои қарзӣ инъикос менамояд, ба ҳолати 31 марти соли 2026 нишондоди 3,3 фоизро ташкил дода, дар муқоиса ба интиҳои соли 2025-ум 0,3 банди фоизӣ афзуд.

[2] Андозаи ҳадди аксари маблағи Хазина, яъне сатҳи кифоятии маблағи Хазина тибқи Қонун дар ҳаҷми 7 фоизи бақияи умумии пасандозҳои суғурташуда, ки дар ташкилотҳои қарзӣ мавҷуд аст, муқаррар карда шудааст.

## 1.10. Феҳристи ташкилотҳои қарзии узви Хазина (ба санаи 31.03.2026)

| № | Номгӯи ташкилотҳои қарзӣ | Тасдиқнома № |
|---|---|---|
| | Бонкҳо | |
| 1 | ҶСК "Ориёнбонк" | № 002 |
| 2 | ҶСК "Бонки Эсхата" | № 006 |
| 3 | ҶСП "Бонки рушди Тоҷикистон" | № 010 |
| 4 | ҶСП "Актив Бонк" | № 070 |
| 5 | ҶСП "Спитамен Бонк" | № 013 |
| 6 | ҶСП Бонки "Арванд" | № 025 |
| 7 | ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | № 055 |
| 8 | ҶСК "Алиф-Бонк" | № 056 |
| 9 | ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | № 058 |
| 10 | Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ дар ш.Душанбе | № 060 |
| 11 | ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | № 064 |
| 12 | ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" | № 072 |
| 13 | ҶСП "Фридом Бонки Тоҷикистон" | № 073 |
| 14 | ҶСП "Ҳумо Бонк" | № 078 |
| 15 | ҶСП "Васл Бонк" | № 080 |
| 16 | ҶСП Бонки "Имон Интернешнл" | № 084 |
| | Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд | |
| 17 | ҶСП ТАҚХ "Ҳамров" | № 016 |
| 18 | ҶДММ ТАҚХ "Финка" | № 022 |
| 19 | ҶДММ ТАҚХ "Зудамал" | № 023 |
| 20 | ҶДММ ТАҚХ "Матин" | № 026 |
| 21 | ҶДММ ТАҚХ "Арғун" | № 027 |
| 22 | ҶДММ ТАҚХ "Сомон-Тиҷорат" | № 038 |
| 23 | ҶДММ ТАҚХ "Азизӣ - Молия" | № 041 |
| 24 | ҶДММ ТАҚХ "Тезинфоз" | № 045 |
| 25 | ҶДММ ТАҚХ "Сарват" | № 049 |
| 26 | ҶСП ТАҚХ "Ардо капитал" | № 059 |
| 27 | ҶДММ ТАҚХ "Пайванд Гуруҳ" | № 062 |
| 28 | ҶДММ ТАҚХ "Фурӯз" | № 063 |
| 29 | ҶСП ТАҚХ "Сандуқ" | № 065 |
| 30 | ҶСП ТАҚХ "Шукр Молия" | № 066 |
| 31 | ҶДММ ТАҚХ "Эмин Сармоя" | № 068 |
| 32 | ҶДММ ТАҚХ "Баракат Молия" | № 069 |
| 33 | ҶДММ ТАҚХ ЛОЛС "Молия" | № 071 |
| 34 | ҶДММ ТАҚХ "Доро Молия" | № 079 |
| 35 | ҶСП ТАҚХ "Бинес Капитал" | № 075 |
| 36 | ҶДММ ТАҚХ "Стандарт Молия" | № 076 |
| 37 | ҶДММ ТАҚХ "Ганҷ Молия" | № 077 |
| 38 | ҶСП ТАҚХ "Зинда Капитал" | № 081 |
| 38 | ҶСП ТАҚХ "Инноватсия Капитал" | № 082 |
| 40 | ҶДММ ТАҚХ "Оксус" | № 083 |
| 41 | ҶДММ ТАҚХ "Пулсар" | № 085 |
| 42 | ҶСП ТАҚХ "Капитал Траст" | № 086 |